# Довуд 1



Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2021

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.










ДОВАРОН 2:16-17


















ДОВАРОН 2:18; 1 ПОДШОҲОН 7:3, 8:1-3




1 ПОДШОҲОН 8:1-10






1 ПОДШОҲОН 8:11-16










1 ПОДШОҲОН 8:18-22


ЯК ШАХСИ ОБРӮМАНД ШОУЛ НОМ ПИСАРЕ ДОШТ.
ШОУЛ ШАХСИ ҶОЛИБИ ДИҚҚАТ БУД – Ӯ АЗ ТАМОМИ ҚАВМ ЯК САРУ ГАРДАН БАЛАНД БУД.


БОРЕ МОДАХАРҲОИ ПАДАРИ ШОУЛ ГУМ ШУДАНД.
ШОУЛ БО ЯКЕ АЗ ХИЗМАТГОРОН БА КӮҲИСТОН ВА ШАҲРҲОИ АТРОФ БАРОИ ҶУСТУҶӮИ МОДАХАРҲО РАВОНА ШУД.


НИГОҲ КУН, ДАР ИН ШАҲР МАРДИ ХУДО ҲАСТ; Ӯ МАРДИ МУҲТАРАМ АСТ; ҲАР ЧИ Ӯ ГӮЯД, ҲАМЕША БА АМАЛ МЕОЯД.
МО БА ОН МАРД ЧӢ ЧИЗЕ ДОДА МЕТАВОНЕМ? ХӮРОКЕ ДАР ХАЛТАҲОИ МО БОҚӢ НАМОНДААСТ, ВА ТӮҲФАЕ НЕСТ, КИ БА МАРДИ ХУДО ПЕШКАШ НАМОЕМ.
МО ЧӢ ЧИЗЕ ДОРЕМ?


ИНАК, ДАР ДАСТИ МАН ЧОРЯК МИСҚОЛ НУҚРА ҲАСТ.


ОЁ ПЕШБИН ДАР ИН ҶОСТ?
ҲА, ИНАК Ӯ ДАР ИН ҶОСТ.
ШИТОБ НАМО; Ӯ ИМРӮЗ БА ШАҲР ОМАДААСТ, ЧУНКИ ҚАВМ ИМРӮЗ БАР БАЛАНДӢ ҚУРБОНӢ МЕКУНАНД.
ПЕШ АЗ ОН КИ Ӯ БА БАЛАНДӢ БАРОЯД, ӮРО МЕЁБЕД. ҚАВМ ТО ОМАДАНИ Ӯ ХӮРОК НАМЕХӮРАНД, ЧУНКИ Ӯ БОЯД ҚУРБОНИРО БАРАКАТ ДИҲАД.




1 ПОДШОҲОН 9:14-19


САМУИЛ МУВОФИҚИ ФАРМУДАИ ХУДО АМАЛ НАМУД – ВА ШОУЛРО ЧУН АВВАЛИН ПОДШОҲ ДАР ИСРОИЛ МАСҲ НАМУД.


ПАС АЗ ОН КИ САМУИЛ ШОУЛРО МАСҲ НАМУД, САМУИЛ МАРДУМРО БА НУТҚИ ОХИРИН, ХАЙРБОДИИ ХУД ДАЪВАТ НАМУД.


МАН БА СУХАНОНЕ КИ БА МАН ГУФТЕД, ГӮШ ДОДАМ, ВА БАР ШУМО ПОДШОҲЕРО ТАЪЙИН НАМУДАМ.
АКНУН ИН ПОДШОҲ САРВАРИ ШУМОСТ.
АГАР АЗ ХУДО ТАРСИДА, ӮРО ИБОДАТ НАМОЕД ВА ОВОЗАШРО ШУНАВЕД, ВА БА ФАРМОНИ Ӯ ЗИДДИЯТ НАКУНЕД, ВА АГАР ҲАМ ХУДАТОН, ҲАМ ПОДШОҲЕ КИ БАР ШУМО ҲУКМРОНӢ МЕКУНАД, ХУДОРО ПАЙРАВӢ НАМОЕД – ХУБ МЕШАВАД!
ВАЛЕКИН АГАР БА ХУДО ИТОАТКОР НАШАВЕД ВА БА ФАРМОНИ Ӯ ЗИДДИЯТ КУНЕД, ДАСТИ Ӯ БАР ЗИДДИ ШУМО МЕШАВАД, ЧУНОН КИ БАР ЗИДДИ ПАДАРОНИ ШУМО БУД.


ДАР ХОТИМАИ СУХАНРОНИИ ХУД САМУИЛ БА ПАРВАРДИГОР ДУО КАРД, ВА ДАР ОН РӮЗ ХУДО ТУНДАР ВА БОРОН ФИРИСТОД.
ВА ТАМОМИ ҚАВМ АЗ ПАРВАРДИГОР ВА АЗ САМУИЛ БИСЁР ТАРСИДАНД.










1 ПОДШОҲОН 10:8, 13:5-9






1 ПОДШОҲОН 13:10-14


ФАЛИШТИЁН ДОИМО БА ИСРОИЛ ТОХТУТОЗ МЕКАРДАНД. ОНҲО ИМКОН НАМЕДОДАНД, КИ ИСРОИЛИЁН ОҲАНГАР ДОШТА БОШАНД, ЗЕРО МЕГУФТАНД: «МАБОДО ИБРИЁН ШАМШЕРЕ Ё НАЙЗАЕ СОЗАНД».
ИСРОИЛИЁН МАҶБУР БУДАНД НАЗДИ ФАЛИШТИЁН РАВАНД, ТО КИ ГОВОҲАН, КАЛАНД, ТАБАР ВА ДОСИ ХУДРО ТЕЗ КУНАНД.
ТАНҲО ШОУЛ ВА ПИСАРАШ ЮНОТОН ШАМШЕРҲО ДОШТАНД.
АММО БОРЕ, ҲАНГОМЕ КИ ПАДАРАШ ДАР БОШИШГОҲ БУДА, АЗ БОИСИ ВАЗЪИЯТИ НОХУШ ҒАМ МЕХӮРД, ПИСАРИ ШОУЛ, ЮНОТОН, БА ФИКРЕ ОМАД.
БИЁ, СӮИ ДАСТАИ ПОСБОНОНИ ИН БЕХАТНАГОН ГУЗАРЕМ, ШОЯД ХУДО БА МО ЁВАРӢ КУНАД, ЗЕРО КИ БАРОИ ХУДО ҲЕҶ МОНЕАЕ НЕСТ, КИ БА ВОСИТАИ КАСОНИ БИСЁР Ё БА ВОСИТАИ КАСОНИ КАМ НАҶОТ БАХШАД.
ҲАР ОН ЧИ ДАР ДИЛАТ ҲАСТ, БИКУН. БА ҲАР ҶОЕ КИ РАВӢ, МАН БО ТУ МЕРАВАМ.






1 ПОДШОҲОН 14:8-12


АЗ АҚИБАМ БАРО, ЗЕРО КИ ПАРВАРДИГОР ОНҲОРО БА ДАСТИ ИСРОИЛ СУПУРДААСТ.
ЧУНОН КИ ГУФТАМ – ОЁ БА ДАРСИ ИБРАТ ТАЙЁР ҲАСТЕД?
ДАР МАЙДОНИ ҚАРИБ ЧОРЯК ГЕКАТАР ҚАРИБ ЮНОТОН ВА СИЛАҲБАРДОРАШ БИСТ САРБОЗИ ФАЛИШТИРО КУШТАНД.


БАЪД ТАМОМИ ЛАШКАРРО ДАҲШАТ ФАРО ГИРИФТ – ҲАМ ОНҲОЕРО, КИ ДАР САҲРО БУДАНД, ҲАМ ОНҲОЕРО, КИ ДАР ДАСТАҲОИ ТОХТУТОЗКУНАНДА БУДАНД – ИН ДАҲШАТРО ХУДО ФИРИСТОДА БУД.
ЗАМИН ЛАРЗИДА ИСТОДААСТ!
ЭҲТИМОЛ, ХУДИ ХУДОИ ИСРОИЛИЁН ЗИДДИ МО МЕҶАНГАД!
ҲАЗРАТАМ, ПОСБОНОН ХАБАР МЕДИҲАНД, КИ ЛАШКАРИ ФАЛИШТИЁН ПАРОКАНДА ШУДА, БА ҲАР ТАРАФ МЕДАВАД. ОНҲО ХЕЛЕ ПАРЕШОНҲОЛ ШУДААНД – МО НАМЕДОНЕМ, КИ ЧӢ ШУДААСТ.
МО ОДАМОНРО САРШУМОРӢ КАРДЕМ – ВА ЮНОТОНУ СИЛАҲБАРДОРАШРО ЁФТА НАМЕТАВОНЕМ.
БА ҶАНГ ОМОДА ШАВЕД!
БА САРБОЗОН ФАРМОЕД, КИ ХӮРОКЕ ХӮРДАНАШОН МАНЪ АСТ, ТО ДАМЕ КИ МАН АЗ ДУШМАНОНАМ ҚАСОС ГИРАМ.
АММО ХУДО АЛЛАКАЙ ПЕШОПЕШИ ОНҲО МЕРАФТ.
ФАЛИШТИЁН ТАМОМАН ПАРЕШОНҲОЛ ШУДААНД – ОНҲО ҲАТТО ЯКДИГАРРО КУШТА ИСТОДААНД!
БА ФИКРАМ, ЮНОТОН БА ҲАМАИ ИН ЯГОН ДАХЛ ДОРАД …


ИН АСАЛ АЗ ТИЛЛО БЕҲТАР МЕТОБАД.
ДАСТ НАРАСОН, БЕФАҲМ.
ВАГАРНА БАРОИ БЕИТОАТӢ БА ФАРМОНИ ПОДШОҲ КУШТА МЕШАВӢ.
ҲА, – АСАЛ БА МАН ҚУВВАТ МЕДИҲАД – ТО КИ ДУШМАНОНИ БОҚИМОНДАРО ТАЪҚИБ НАМОЯМ.
ПАС АЗ МУҲОРИБА МАЪЛУМ ШУД, КИ ЮНОТОН КАМЕ АСАЛ ХӮРДААСТ, ЗЕРО АЗ МАНЪИ ХӮРОКХӮРӢ БЕХАБАР БУД.
ШОУЛ ТАЙЁР БУД ПИСАРИ ХУДРО БАРОИ БЕИТОАТӢ БА ФАРМОН ҚАТЛ КУНАД, АММО САРБОЗОН ВА САРЛАШКАРОН ЮНОТОНРО ТАРАФГИРӢ КАРДАНД.
ОЁ ЮНОТОН, КИ ИН НАҶОТИ БУЗУРГРО БАРОИ ИСРОИЛ БА АМАЛ ОВАРДААСТ, БОЯД МУРАД? ҲЕҶ ГОҲ!
ҚАСАМ БА ҲАЁТИ ПАРВАРДИГОР, КИ МӮЕ АЗ САРИ Ӯ БА ЗАМИН НАМЕАФТАД, ЗЕРО КИ Ӯ ИМРӮЗ БО МАДАДИ ХУДО АМАЛ КАРДААСТ.
ВА САРБОЗОН ПОДШОҲРО РОЗӢ КУНОНДАНД, КИ ПИСАРАШРО НАКУШАД.




1 ПОДШОҲОН 15:1-16:1


БА БАЙТ-ЛАҲМ ОМАДА, САМУИЛ ХОҲИШ КАРД, КИ ПИСАРОНАШРО НАЗДИ Ӯ ОВАРАД, ТО АЗ НАЗАР ГУЗАРОНАД.
ЭҲТИМОЛ, МАСҲШУДАИ ХУДО ҲАМИН АСТ.
«БА СИМО ВА ҚОМАТИ БАЛАНДАШ НИГОҲ НАКУН, ЧУНКИ МАН ӮРО РАД КАРДААМ».
«ХУДО НА БА МОНАНДИ ОДАМ МЕБИНАД».
«ЗЕРО ОДАМ ФАҚАТ БА ЗОҲИР МЕНИГАРАД, ВАЛЕ ХУДО БА ОН ЧИ ДАР ДИЛ АСТ, МЕНИГАРАД».
ОЁ ҲАМАИ ПИСАРОНАТ ҲАМИНҲОЯНД?
БОЗ ПИСАРИ ХУРДӢ ҲАСТ --
-- АММО Ӯ ГӮСФАНДОНРО МЕЧАРОНАД.
КАС ФИРИСТОДА, ӮРО БИЁР. ТО Ӯ БА ИН ҶО НАОЯД, БА САРИ ДАСТАРХОН НАМЕШИНЕМ.
Ӯ АЛЛАКАЙ ОМАД.
БАРХЕСТА, ӮРО МАСҲ НАМО; ИНТИХОБШУДА ҲАМИН АСТ.
ВА САМУИЛ ШОХИ РАВҒАНРО ГИРИФТА, ӮРО ДАР ҲУЗУРИ БАРОДАРОНАШ МАСҲ НАМУД; ВА РӮҲИ ПАРВАРДИГОР АЗ ОН РӮЗ БАР ДОВУД ОМАД.


АКНУН РӮҲИ ПАРВАРДИГОР АЗ ШОУЛ ДУР ШУД, ВА РӮҲИ БАДЕ АЗ ҶОНИБИ ПАРВАРДИГОР ӮРО АЗОБ МЕДОД.
ХОҶААМ, РӮҲИ БАДЕ АЗ ҶОНИБИ ХУДО ШУМОРО АЗОБ МЕДИҲАД.
БИГЗОР ХОҶАИ МО БА НАВКАРОНАШ, КИ ИН ҶО ҲАСТАНД, ФАРМОЯД, КИ ТАНБӮРНАВОЗИ МОҲИРЕРО ПАЙДО КУНАНД.
ВА ҲАР ГОҲ РӮҲИ БАДЕ АЗ ҶОНИБИ ХУДО БАР ШУМО БИЁЯД, ВАЙ НАВОЗАД, ВА АҲВОЛАТОН БЕҲТАР МЕШАВАД.
МАН ҶАВОНЕРО АЗ БАЙТ-ЛАҲМ ДИДААМ, КИ БА НАВОХТАН МОҲИР АСТ. Ӯ ШЕРДИЛ, ВА МАРДИ ҶАНГӢ АСТ.
Ӯ ХУШЗАБОН ВА ЗЕБО МЕБОШАД.
ВА ПАРВАРДИГ ОР БО ӮСТ.
ДОВУД ҲАМЧУНИН ЯКЕ АЗ СИЛАҲБАРДОРОНИ ПОДШОҲ ШУД.
ҲАМИН ТАВР ДОВУД ҲАМЧУН ОҲАНГНАВОЗ БА ДАРБОР ОМАД, ТО КИ БАРОИ РАФЪ НАМДАНИ ТАБЪИ ХИРАИ Ӯ ЁРӢ РАСОНАД.




1 ПОДШОҲОН 17:1-8






1 ПОДШОҲОН 17:8-10


ИШОЙ, ПАДАРИ ДОВУД, ӮРО БО ХӮРОКВОРӢ БАРОИ БАРОДАРОНАШ ВА САРЛАШКАРОН ФИРИСТОД, ТО КИ АЗ АҲВОЛИ САЛОМАТИИ ОНҲО ХАБАР ОВАРАД.
ИМРӮЗ МАН ШАРАФИ ИСРОИЛРО БАРҲАМ МЕЗАНАМ!
БА МАН ШАХСЕРО ФИРИСТЕД, ТО МО ҚУВВАОЗМОӢ КУНЕМ.
ИН ФАЛИШТИИ БЕХАТНА КИСТ, КИ ЛАШКАРҲОИ ХУДОИ ЗИНДАРО ДАШНОМ ДИҲАД?
АММО БАРОДАРИ КАЛОНИАШ СУХАНОНИ ӮРО ШУНИДА, ХАШМГИН ШУД.
ЧАРО БА ИН ҶО ФУРУД ОМАДӢ? ВА ОН РАМАИ КАМЕРО ДАР БИЁБОН НАЗДИ КӢ ГУЗОШТӢ?
МАН ГУСТОХӢ ВА БАДИИ ДИЛИ ТУРО МЕДОНАМ: ТУ БАРОИ ТАМОШОИ ИН ҶАНГ ФУРУД ОМАДАӢ.
МАГАР ГАП ЗАДАН МУМКИН НЕСТ?
БА КАСЕ КИ ИН ФАЛИШТИРО КУШАД ВА ИН НАНГРО АЗ ИСРОИЛ ДУР СОЗАД, ЧӢ МЕШАВАД?
ПОДШОҲ ӮРО БО САРВАТИ БИСЁР САРВАТМАНД МЕГАРДОНАД, ВА ДУХТАРИ ХУДРО БА Ӯ БА ЗАНӢ МЕДИҲАД.






1 ПОДШОҲОН 17:31-35




1 ПОДШОҲОН 17:36-40






1 ПОДШОҲОН 17:42-45




1 ПОДШОҲОН 17:46-48





1 ПОДШОҲОН 17:49


ААҲҲҲ




1 ПОДШОҲОН 17:50-51












1 ПОДШОҲОН 17:52-53










1 ПОДШОҲОН 17:57-58






1 ПОДШОҲОН 18:2

“THE BIBLE EXPLAINED
IN EVERY LANGUAGE.”








# SUPERBIBLE.TV